«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”, д.и.ф., профессор
Низомӣ М.З.______________
«13» 04 соли 2021

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбари тақриздиҳанда – кафедраҳои китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ, бойгонишиносии факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ба диссертатсияи Комилов Меҳроҷ Шарифович «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)». – Душанбе, 2020. – 204 с.**

Рисолаи номзадии Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)» бо қарори Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, он дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ ва кафедраи бойгонишиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсия ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳо, аз ҷумла Б. С. Холов – мудири кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, М. М. Мамадазимова – мудири кафедраи бойгонишиносӣ, номзади илмҳои таърих, А. Авгонов – номзади илмҳои филология, дотсент, С. Шарофутддинов – номзади илмҳои таърих, дотсент, С. Шосаидзода – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Ф. Тоҷев – номзади илмҳои таърих ва

дигар омӯзгорони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида иштирок намуданд.

Зикр карда шуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ нақш ва мақоми китобхонаҳо дар баланд бардоштани сатҳи маърифату фарҳанги аҳолӣ хеле назаррас буда, раванди ташаккул ва таҳаввули онҳо ҳамчун омили муҳимми рушди устувори иҷтимоиву фарҳангии ҷумҳурӣ арзёбӣ карда мешавад.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он таърих, ташаккул ва таҳаввули фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии Тоҷикистон дар даврони истиқлол мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар баробари шарҳи дастовардҳои назарраси соҳаи китобдорӣ, тамоюлҳои тағйирпазирии мусбату манфии шабакаи китобхонаҳои мамлакат ва роҳҳои минбаъдаи рушди фаъолияти онҳо дар ин давраи таърихӣ, муайян карда шудааст. Илова бар ин, дар таҳқиқот маротибаи аввал таърихи пайдоиш, зинаҳои инкишоф ва фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли ҳуҷҷатҳои электронӣ дар даврони истиқлол мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мавриди тазаккур аст, ки муаллиф барои ҳалли вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташуда теъдоди зиёди сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ, илмӣ, таълимӣ, методӣ ва омориро ҷамъовариву таҳлил намуда, феҳристи мукаммали марбут ба мавзӯи таҳқиқро мураттаб сохтааст ва он фарогири 1382 номгӯй маводи дар тӯли солҳои 1991-2016 ба забонҳои тоҷикиву русӣ интишорёфта мебошад. Чопи ин феҳрист соли 2016 бо унвони «Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол», қабл аз дифоъи рисолаи номзадӣ, агар аз як ҷониб далели ба пуррагӣ омӯхта шудани ин мавзӯъро собит созад, аз ҷониби дигар ифшогари он аст, ки муаллиф ба умқи мавзӯъ кайҳо гӯта зада, солҳо боз ба пажӯҳишу таҳқиқи он машғул аст.

Диссертатсияи Комилов Меҳроҷ Шарифович аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст.

**Дар муқаддима** мубраммияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш, навгонии кор бо шарҳу тавзеҳҳои амиқ асоснок гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ, мақсаду вазифа, объекту предмет ва усулҳои таҳқиқот, арзиши назариявию амалии он муайян ва муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Омилҳои ташаккул ва таҳаввули китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол»** аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби аввали боби якум – **«Заминаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии фаъолияти китобхонаҳо»** яке аз зербобҳои асосӣ ва калидии диссертатсия маҳсуб ёфта, дар он фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон бо дарназардошти фарогирии маҷмӯи рӯйдодҳои сиёсӣ ва воқеияти таърихии солҳои 1991-2016 мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муҳаққиқ солҳои 1991-2016-ро ба ду марҳила ҷудо намуда, таъкид менамояд, ки **дар марҳилаи якум – солҳои 1991-2000** бинобар сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва дар ҳолати бухрони шадиди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ қарор доштани ҷумҳурӣ сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ поён фаромада, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти китобхонаҳои мамлакат ба таври назаррас коҳиш ёфтанд ва бо иллати зоҳир нашудани таваҷҷуҳи зарурӣ ба ин бахш, ҳам теъдоди китобхонаҳо, ҳам захираи китобии онҳо ва ҳам шумораи хонандагони китобхонаҳо сол ба сол кам шудааст. Омилҳои ба ин ҳолат дучор омадани китобхонаҳоро муаллиф бо далелҳои боэътимод шарҳ додааст.

Ба андешаи муҳаққиқ, **дар марҳилаи дуюм – солҳои 2001-2016,** заминаи меъёриву ҳуқуқии китобхонаҳои мамлакат такмил ёфта, қарору қонунҳои нав ва консепсияву барномаҳои давлатӣ марбут ба соҳаи китобдорӣ қабул шуданд, заминаҳои моддиву техникии китобхонаҳо беҳтар гардиданд, барои азнавсозӣ ва бунёди китобхонаҳои наву замонавӣ аз ҳисоби буҷети давлат маблағҳои зарурӣ ҷудо гардиданд, ки дар маҷмӯъ барои рушди бемайлони шабакаи китобхонаҳо шароитҳои мусоид фароҳам оварданд. Таъкид

мегардад, ки агарчи тайи солҳои 2001-2016 нишондиҳандаҳои оморӣ дар самти афзудан ё кам шудани теъдоди китобхонаҳои кишвар қариб, ки ба амал наомада, дар ҳудуди 1370 – 1430 адад сабт шуда бошанд ҳам, болоравӣ дар дигар самтҳои фаъолияти китобдорӣ, аз ҷумла захираи умумии китобу маҷаллаҳо ва теъдоди хонандагони китобхонаҳо таври назаррас ба мушоҳида мерасанд.

Муҳаққиқ дар ин зербоб дар радифи таҳқиқи фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ, китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ, ҳамзамон роҷеъ ба фаъолияти китобхонаҳои шахсӣ мулоҳизаҳои ҷолиб баён намудааст. Ба андешаи ӯ, дар шароити номувофиқии ҷойгиршавии китобхонаҳои оммавӣ бо маҳалҳои аҳолинишин, китобхонаҳои шахсӣ метавонанд то андозае баҳри қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо китобу нашрияҳои даврӣ ва баланд бардоштани сатҳи маънавиёти онҳо саҳм гузоранд. Барои муназзамсозии фаъолияти китобхонаҳои шахсӣ, бо пешниҳоди диссертант, бояд низомномаи китобхонаҳои шахсӣ тартиб дода шавад ва ин китобхонаҳо зери роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии китобхонаҳои марказӣ фаъолияти хешро роҳандозӣ намоянд. Дар маҷмӯъ, дар ин зербоб, тавсифи муқоисавии ҷараёни инкишоф ва таҳаввули шабакаи китобхонаҳо таҳқиқ шуда, тағйирпазирии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ мувофиқи таснифи китобхонаҳо ва муқаррароти соҳавии онҳо гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Муҳаққиқ дар зербоби дуюми боби аввали диссертатсия **“Сиёсати давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ”** нақшу мақом, аҳаммият ва вазъи татбиқи қонуну қарорҳо, консепсияву барномаҳои қабулшудаи соҳаи китобдориро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст. Ба андешаи диссертант, дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва пайваста инкишоф ёфтану мавриди истифода қарор гирифтани технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо, зарурияти дар қонунгузории соҳаи китобдориву иттилоотӣ муайяну мушаххас намудани ҷойгоҳи китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои

ҷамъовариву коркард, гурӯҳбандиву тавсифнигорӣ, нигоҳдориву таргиби манобеи электронӣ пеш омадааст. Бо дарназардошти вижагии масоили матраҳшуда муаллиф дар ин зербоб матни тағйироту иловаҳоро ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар ВАО» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №453 «Дар бораи Номгӯйи гирандагони нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо» пешниҳод кардааст, ки лоиқи дастгирист. Ҳамзамон, дар ин зербоб муаллиф оид ба татбиқи воқеии нақшаи чорабиниҳои 4 барномаи давлатии соҳаи китобдорӣ маълумоти мушаххас додааст. Ба андешаи муҳаққиқ, татбиқи барномаҳои зикршуда имкон дод, ки заминаи моддӣ-техникии китобхонаҳо тақвият ёбад, фонди китобхонаҳои мамлакат бо адабиёти тозанашр ғанӣ гардад, теъдоди хонандагони китобхонаҳо афзояд, сатҳу сифати хизматрасонии китобдориву библиографӣ ба аҳолӣ беҳтар шавад, дар фаъолияти китобхонаҳо низоми нави худкори раванди китобдорӣ-иттилоотӣ бо истифода аз технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҷорӣ гардад, толорҳои нави хониши электронӣ ба фаъолият шурӯъ намоянд, рақамигардонии матни адабиёти нодиру камёб роҳандозӣ шавад, сомонаҳои интернетии китобхонаҳо таъсис ёбанд, нашри маҷаллаи тахассусии «Китобдор» ба роҳ монда шавад, барои мутахассисони соҳа адабиёти нави илмӣ, таълимӣ ва методӣ таҳияву интишор шавад, ҳамкориҳои байналмилалии китобдорӣ густариш ёбад ва заминаҳои устувор барои воридшавии китобхонаҳои мамлакат ба ҷомеаи иттилоотӣ муҳайё карда шаванд.

Дар зербоби сеюми боби аввали диссертатсия – «**Нақши озмуну фестивалҳои китобдорӣ дар такмили фаъолияти китобхонаҳо**» оид ба аҳамияти баргузорӣ ва нишонрасиву натиҷабахшии фестивалҳои «Китоб ва мусиқӣ», «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон», озмунҳои «Чароғи ҳидоят», «Дониш талабу бузургӣ омӯз», «Китобхонаи намунавӣ», «Ҳамнишине беҳ аз китоб махоҳ», «Китобдор, китобхона ва китобхонаи

шахсии сол» маълумот дода шудааст. Зикр мегардад, ки баргузории озмуну фестивалҳои китобдорӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ, агар аз як ҷониб барои беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ, ташаккули майлу рағбати китобхонӣ ва ҷорӣ намудани навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат мусоидат карда бошад, аз ҷониби дигар имкон додааст, ки камбудиву норасоиҳои ҷойдошта ошкор шуда, роҳи ҳалли онҳо муайян карда шавад.

Боби дуюми диссертатсия – **«Пайдоиш ва ташаккули китобхонаҳои электронӣ дар Тоҷикистони муосир»** аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якум **«Имкониятҳои китобхонаҳои электронӣ дар тавлид ва пахши иттилоот»** оид ба вижагиҳои бунёди китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ дар Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, ворид шудани воситаҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат ва пайваст шудани китобхонаҳо ба шабакаи байналмилалии Интернет на танҳо барои роҳандозии тарзу усулҳои нави хизматрасонии китобдорӣ ва сари вақт қонеъ намудани эҳтиёҷоти ба иттилоот доштаи хонандагон мусоидат намуд, балки барои бунёди захираҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ ва дар ин замина беҳтар намудани фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ва бунёди сомонаҳои интернетӣ шароити мусоид фароҳам овард. Таъкид шудааст, ки имрӯз тавассути сомонаҳои интернетӣ китобҳо доир ба соҳаҳои мухталифи дониш мавриди истифодаи ҳамагон қарор мегиранд ва бештари матни китобҳои пешниҳодшударо метавон на танҳо мутолиа кард, балки бе ягон мамоният берун кашида, барои истифодаи минбаъда нигоҳ дошт ва ин тамоюл, бахусус барои такмили ройгони захираи китобхонаҳои электронӣ ва анъанавии шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Инчунин, дар ин зербоб 8 манбаи такмили захираи китобхонаҳои электронӣ бо истифода аз воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **«Раванди компютеркунонии китобхонаҳо»** масъалаи компютеркунонии китобхонаҳои ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, вазъи воқеии иҷрои бандҳои Накшаи чорабиниҳои «Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ вазъи таъмин ва истифодаи технологияи муосирро дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат таҳлил намуда, истифодаи натиҷаи таҳқиқотҳои доиршударо ҷиҳатиислоҳи камбудиҳои ҷойдошта бисёр муҳим арзёбӣ кардааст. Ба андешаи муҳаққиқ, барои таъмини комили китобхонаҳо бо технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҳия ва қабули «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои Тоҷикистон» барои даҳ соли минбаъда мувофиқи мақсад мебошад.

Дар зербоби сеюми боби дуюми таҳқиқот **«Вижагиҳои фаъолияти шабакаи китобхонаҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ»** масъалаҳои бунёди китобхонаҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетии ташкилоту идораҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, афзалиятҳои фаъолияти онҳо дар қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон нишон дода шудааст. Ба ақидаи диссертант, китобхонаҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетӣ вобаста ба имкониятҳои техникӣ, технологӣ ва мутахассисони касбии ташкилоту муассисаҳо фаъолияти худро роҳандозӣ намуда, аз нигоҳи вижагиҳои сохтмонёбию хизматрасонӣ аз ҳамдигар тафовут доранд ва тибқи меъёрҳои ягона бунёд нашудаанд. Бо дарназардошти ин вижагиҳо дар ин зербоб фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетии китобхонаҳои оммавӣ, муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо дар самти роҳандозии низоми худкори равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ, ташкили захираҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ, таҳияи феҳристҳои электронӣ, ҷамъовариву тарғиби адабиёти илмӣ, илмӣ-оммавӣ, маълумотдиҳанда, таълимӣ, методӣ ва бадеӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Муҳаққиқ дар қисмати хулосаи кор натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқотро дар 12 банд ҷамъбаст ва бо далелу аснод асоснок кардааст, ки истифодаи онҳо метавонанд дар оянда барои роҳандозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷиҳати баррасии таърихи китобхонаҳои мамлакат дар даврони истиқлол мусоидат намоянд. Ҳамзамон мазмун, хулосаву тавсияҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми навиштани рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи кори китобхонаҳои Тоҷикистон, такмили фаъолияти минбаъдаи китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии мамлакат, таҳияву тайёр намудани курси лексияҳо ва барномаву дарсномаҳои таълимӣ барои бахшу факултаҳои китобдории литсею коллеҷҳо ва донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ, таълими фанҳои тахассусии «Таърихи китобхонаҳои Тоҷикистон», «Афкори китобхонашиносии тоҷик», «Китобхонашиносӣ», фанҳои интихобии «Сиёсати давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ», «Фаъолияти китобхонаҳои электронӣ», «Истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо» ва диг., истифода кард. Дар охири диссертатсия муҳаққиқ дар заминаи натиҷаҳои бадастомада боз пажӯҳишу таҳқиқи 5 мавзӯи навро пешниҳод кардааст, ки барои идома додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин самт муфид мебошанд.

Автореферат ва маводи доир ба мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф дар 1 феҳрист, 1 рисола ва 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия мувофиқу басанда буда, ба дараҷаи кофӣ мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти масъалаҳои зикршуда метавон хулоса намуд, ки таҳқиқоти Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)» дар сатҳи хуби илмӣ иҷро гардида, бо муҳиммияту мубрамият, навгонӣ ва аҳаммияти назариву амалии худ ба талаботи пажӯҳиши диссертатсионӣ мувофиқ мебошад.

Бо вуҷуди ин, бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти мазкур аз баъзе камбудию норасоиҳо орӣ нест, ки муҳимтарини онҳо, ба назари мо, чунинанд:

1. Дар рисола масъалаҳои тарбияи кадрҳои соҳаи китобдорӣ ва заминаи моддӣ-техникии китобхонаҳо дар даврони истиқлолият ба қадри кофӣ инъикос нагардидааст.

2. Муаллифро мебоист, ки дар зербоби якуми боби якуми рисола бештар ба таҳлили муқоисавии рушди шабакаи китобхонаҳои мамлакат дар даврони шӯравӣ ва истиқлолият таваҷҷуҳ зоҳир мекард.

3. Дар рисола ба масъалаҳои марбут ба фонди китобхонаҳои анъанавӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

4. Дар зербоби сеюми боби якуми рисола натиҷаи озмуну фестивалҳои китобдории дар китобхонаҳои музофотӣ баргузоршуда таҳлилу баррасӣ нашудааст.

5. Дар боби дуюми рисола фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетии на ҳамаи ташкилоту идораҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

6. Муаллиф дар рисола оид ба ҳамкориҳои мутақобилаи китобхонаҳои Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ дар самти мубодилаи байналмилалии китобҳо, додугирифти ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути абонементи байни китобхонаҳо ва баргузории чорабиниҳои тахассусӣ кам маълумот додааст.

7. Дар рисола баъзе галатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Аммо, сарфи назар аз мавҷудияти чунин камбудиҳои ҷузъӣ, ки аҳаммияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд, таҳқиқоти мазкур кори мукаммалу бaанҷомрасида маҳсуб меёбад. Мундариҷаи он мувофиқи талабот, меъёрҳо ва муқаррароти таъйиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, муаллифи он Комилов Меҳроҷ Шарифович

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ арзанда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва бойгонишиносии факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” 10-уми апрели соли 2021 баррасӣ гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«Ҷонибдор» – 15 нафар; «муқобил» – нест; «бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № _14_ аз 10 апрели соли 2021.

**Раисикунанда, мудири кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ “ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода”, н.и.п., дотсент** **Холов Б. С.**

**Ташхисгар, мудири кафедраи бойгонишиносӣ, н.и.т.** **Мамадазимова М. М.**

**Котиби ҷаласа, н.и.т.** **Тоҷев Ф. Н.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам: сардори Шуъбаи кадрҳои МДТ “ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода”** **Ҳомидова З.**

**Маълумот барои тамос:**
**МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”**
**734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73а,**
**Почтаи электронӣ: Email: tajartins@yandex,**
**www.ddst.tj Тел: (992) 231-45-45.**